АГАР ИМРӮЗ БИМИРӢ, КУҶО МЕРАВӢ?

Дар сурате ки шумо намедонед, ки фардо чӣ ҳодиса рӯй хоҳад дод: зеро ки чист зиндагонии шумо? Буғест, ки ба муддати кӯтоҳе зоҳир гардида, баъд нест мешавад. ЯЪҚУБ 4:14

ЧАҲОР ҲАҚИҚАТ ВУҶУД ДОРАД, КИ МО БОЯД ОНҲОРО ПУРРА ДАРК КУНЕМ:

1 ХУДО ТУРО ДУСТ ДОРАД.

ХУДО МЕХОҲАД, КИ ШУМО БО Ӯ ДАР ОСМОН ҲАЁТИ ҶОВИДОНӢ ДОШТА БОШЕД.
Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад. ИНҶИЛИ ЮҲАННО 3:16

ХУДО МЕХОҲАД, КИ ШУМО ҲАЁТИ ПУРМАЗМУН ДОШТА БОШЕД.
Дузд меояд, то ки бидуздад, бикушад ва талаф кунад;
Ман омадаам, то ки онҳо ҳаёт ёбанд ва онро ба фаровонӣ дошта бошанд. ИНҶИЛИ ЮҲАННО 10:10

БО ВУҶУДИ ИН, БИСЁР ОДАМОН ҲАЁТИ ПУРМАЗМУНРО ЭҲСОС НАМЕКУНАНД ВА БА ҲАЁТИ ҶОВИДОНӢ БОВАРӢ НАДОРАНД, ЗЕРО ...

2 ИНСОН ТАБИАТАН ГУНАҲКОР АСТ. ПАС Ӯ АЗ ХУДО ҶУДО ШУДААСТ.

Чунки ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум шудаанд. БА РУМИЁН 3:23

Зеро ки музди гуноҳ мамот аст... БА РУМИЁН 6:23

Ва чунон ки одамонро насиб гардидааст, ки як бор биміранд ва пас аз он ба доварӣ дучор шаванд, БА ИБРИЁН 9:27

Валекин тарсончакон, ва беимонон, ва палидон, ва қотилон, ва зинокорон, ва ҷодугарон, ва бутпарастон, ва ҳамаи дурӯғгӯёнро насибашон дар кӯлест, ки бо оташ ва кибрит месӯзад; ин мамоти дуюм аст. ВАҲЙ ЮҲАННО 21:8

АГАР ИНСОН БА САБАБИ ГУНОҲАШ АЗ ХУДО ҶУДО ШАВАД, РОҲИ ҲАЛЛИ ИН МУШКИЛ ЧИСТ?
МО АКСАР ВАҚТ ИНҲОРО ҲАМЧУН ҲАЛЛИ ФИКР МЕКУНЕМ:

ДИН, АМАЛИ НЕК, АХЛОК

АММО, ТАНҲО ЯК РОҲИ ҲАЛЛИ ОН АСТ, КИ ХУДО ПЕШНИҲОД КАРДААСТ.

3 ИСОИ МАСЕҲ ЯГОНА РОҲ БА СӮИ ОСМОН АСТ.

Исо ба вай гуфт: Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба васила Ман; ИНҶИЛИ ЮҲАННО 14:6

Чунки Масеҳ низ, барои он ки моро сӯи Худо оварад, як бор барои гуноҳҳои мо уқубат кашид, яъне одил барои золимон ба ҳасби ҷисм кушта шуд, аммо ба ҳасби рӯҳ зинда гардид, 1 ПЕТРУС 3:18

Ҳар кӣ ба Писар имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ меёбад. Ва ҳар кӣ ба Писар имон наоварад, ҳаётро нахоҳад дид, балки ғазаби Худо бар вай мемонад. ИНҶИЛИ ЮҲАННО 3:36

АММО, ТАНҲО ДОНИСТАНИ ОН КИ ИСОИ МАСЕҲ БАРОИ МО ЧӢ КОР КАРДААСТ, КОФӢ НЕСТ.

4 МО БОЯД ИМОНИ ХУДРО БА ХУДОВАНД ИСОИ МАСЕҲ БАРОИ НАҶОТИ ХУД ГУЗОРЕМ.

НАҶОТИ МО БО ФАЙЗИ ХУДО БА ВОСИТАИ ИМОН БА ИСОИ МАСЕҲ ИМКОНПАЗИР АСТ.
Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост, Ва аз аъмол нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад. БА ЭФСӮСИЁН 2:8-9

БО ИМОН ИН ДУОРО БА ХУДО БИГӮЕД:
ХУДОВАНД ИСО, ТАШАККУРИ ЗИЁД БАРОИ МУҲАББАТИ БУЗУРГАТОН БА МАН. МАН ИҚРОР МЕШАВАМ, КИ ГУНАҲКОРАМ ВА ОМУРЗИШ МЕХОҲАМ. ТАШАККУР БА ШУМО, КИ ДАР САЛИБ МУРДАЕД, ТО ҶАЗОИ ГУНОҲҲОИ МАРО ПАРДОХТ КУНЕД. МАН БА ЭҲЁИ ШУМО АЗ МУРДАГОН БОВАР ДОРАМ. МИНБАЪД МАН БА ТУ ҲАМЧУН ХУДОВАНД ВА НАҶОТДИҲАНДАИ ХУД ЭЪТИМОД ДОРАМ. МАН ҲАДЯИ ҲАЁТИ ҶОВИДОНИРО ҚАБУЛ МЕКУНАМ ВА ҶОНИ ХУДРО БА ТУ МЕСУПОРАМ. БА МАН ЁРӢ ДЕҲ, КИ ФАРМОНҲОИ ТУРО ИҶРО КУНАМ ВА ДАР НАЗАРИ ТУ ПИСАНД БОШАМ. ОМИН.

АГАР ШУМО БА ИСОИ МАСЕҲ ИМОН ДОШТА БОШЕД, БО ШУМО ИН ҲОДИСА РӮЙ ДОД:

- **ТУ БО ХУДО УМЁТИ АБДИЛ ДОРЕД.**
Ва иродаи Фиристандаи Ман ин аст, ки ҳар кӣ Писарро дид ва ба Ӯ имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ дошта бошад; ва Ман дар рӯзи вопасин вайро эҳьё хоҳам кард. ИНҶИЛИ ЮҲАННО 6:40
- **ХАМАИ ГУНОХХОЯТОН ОМУРЗИДА ШУД. (ГУЗАШТА, ИМРУЗА, ОЯНДА)**
Ва Ӯ моро аз салтанати зулмот халосӣ дода, ба Малакути Писари маҳбуби Худ дохил кардааст, Ки дар Ӯ мо фидияе ба воситаи Хуни Ӯ ва омурзиши гуноҳҳоро пайдо кардаем, БА ҚӮЛАССИЁН 1:13-14
- **ШУМО ДАР НАЗДИ ХУДО ЯК МАХЛУҚИ НАВ ҲАСТЕД. ИН ОҒОЗИ ҲАЁТИ НАВИ ШУМОСТ.**
Пас, касе ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима гузаштааст, ва инак ҳама чиз нав шудааст. 2 БА ҚӮРИНТИЁН 5:17
- **ШУМО ҲОЛО ФАРЗАНДИ ХУДО ҲАСТЕД.**
Лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд ва ба исми Ӯ имон оварданд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд, ИНҶИЛИ ЮҲАННО 1:12

АМАЛҲОИ НЕК ВАСИЛАИ НАҶОТ НЕСТ, БАЛКИ ДАЛЕЛИ НАҶОТИ МОСТ.
Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост, Ва аз аъмол нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад. БА ЭФСӮСИЁН 2:8-9